**Суратмаҷлиси № 70-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 8-уми ноябри соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои
шуро 14 нафар

**РӮЗНОМА:**

Қабул намудани диссертатсияи **Искандари Ориф** дар мавзуи **«Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ (роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ, профессор **Мисбоҳиддини Нарзиқул**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Мақсудзода Б.М. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Искандари Ориф ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Искандари Ориф ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Искандари Ориф дар мавзуи «Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Низомӣ Мухриддин Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Сироҷиддини Эмомалӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, узви комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.